## Жириновский: Самарканду Бухороро аз точикон гирифтанд (ВИДЕО)

Муаллиф: "Озодагон"
28.01.2014 23:22




Жириновский таъкид кардааст, Русия 150 сол боз бо кишвархои Осиёи Миёна забон як карда наметавонад ва ишора намудааст, ки Маскав дастандаркори бисёри ихтилофхо дар минтакаи Осиёи Миёна мебошад.
“Мансабдорхо дар Маскав нишаста, минтакаи Осиёи Марказиро ноогохона аз нигохи миллию марзӣ таксимбандӣ карданд. Дар натича узбакхо Самарканду Бухорои точиконро сохиб шуданд, ки дурдонаи минтакаи Осиёи Миёна мебошад.
Навори баромади Владимир Жириновский -- рохбари Хизби либерал-демократи Русия дар мавриди хамгирой бо кишвархои Осиёи Марказӣ, ки мохи апрели соли 2013  дар шабакаи Ютуб гузошта шуда буд, то кунун даххо хазор бинанда гирифтааст.

Дар ин навор Владимир Жириновский дар Думаи давлатӣ барои хамгирой бо кишвархои Осиёи Миёна зарур хондааст, ки Русия на аз артиш, балки аз лоихахои иктисодӣ кор бигирад. Жириновский таъкид кардааст, Русия 150 сол боз бо кишвархои Осиёи Миёна забон як карда наметавонад ва ишора намудааст, ки Маскав дастандаркори бисёри ихтилофхо дар минтакаи Осиёи Миёна мебошад.

“Мансабдорхо дар Маскав нишаста, минтакаи Осиёи Марказиро ноогохона аз нигохи миллию марзӣ таксимбандӣ карданд. Дар натича узбакхо Самарканду Бухорои точиконро сохиб шуданд, ки дурдонаи минтакаи Осиёи Миёна мебошад. Казоку киргизхоро, ки ягон фаркият надоранд, ду миллати алохида эълон карданд. Дар натича як адовати кавмӣ ба миён омад. Пеш аз вуруди русхо дар Осиёи Миёна хонигарихо буданд ва аз нигохи миллӣ таксим нашуда буданд. Ин хирадмандии мардуми минтака буд ва дар хамгирой зиндагӣ мекарданд”,-таъкид кардааст ӯ.

Жириновкий дар идома афзудааст, Русияро зарур аст, аз таърих ибрат гираду дар замони муосир барои хамгирой бо кишвархои Осиёи Миёна на аз аскарон, балки аз лоихахои иктисодию сармоягузорӣ кор бигирад: “Точикистон меваю сабзавоти барвактӣ

дорад. Бояд интиколи онхо ба Русия рохандозӣ шавад. Кишвархои Осиёи Миёна пахтаю махсулоти хом ва кувваи арзони кориро дорад. Бояд дар он чо коркард ва истехсоли махсулоти тайёр ба рох монда шавад. Дар натича дар бозори Русия чои махсулоти пастсифати Чинро махсулоти Осиёи Марказӣ мегирад.”

Дар зери навори ин баромади Жириновский дар Ютуб худуди 200 наазар нашр шудаанд, ки бархе ӯро хак ва баъзеи дигар миллатгаро, дурӯя ва игвоангез хондаанд.